## Рушди илми тиб ва истиқлолият

Барқарор кардани сохти конститутсионӣ, ҷорӣ намудани шакли идоракунии Парламентӣ дар давраи гузариш, интихоби номзади арзанда ба мансаби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ӯ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, дастоварди асосии Иҷлосияи 16-ӯм буд. Ичлосия сарвари сиёсӣ, шахси бениҳоят боҷуръату шердил ва дурандеши худро, ки дар раванди минбаъдаи инкишофи ҷамъият роли ҳалкунанда бозида метавонистаи худро интихоб намуд, тафаккури ягонаи миллии созандагиро ба вуҷуд овард, барои рушди ояндаи давлати ҷавони соҳибистиқлол заминаҳои боэътимоди сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ асос гузошт. Дар мамлакат моҳиятан ҳамаи тағйиротҳои минбаъдаи сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодие, ки дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаю саъю кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба амал омаданд, таҷассуми дар ҳаёт татбиқ ва амалӣ гаштани нишондодҳои ин Иҷлосия 16-уми таърихӣ мебошанд. Ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд, ки дар давоми ҳамагӣ ду сол сохтори конститутсионии мамлакатро комилан барқарор намояд. Халқи Тоҷикистон баъдан боварии худро ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи қабули аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ (6 ноябри соли 1994), изҳор дошта, ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намояд.

Истеъдоди фавкуллодаи давлатдорӣ, маҳорати камназири сиёсатмадорӣ ва ҷидду ҷаҳди хастанопазирии пайвастаи ӯ барои тадриҷан ба давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона табдил ёфтани Тоҷикистон замима фароҳам овард.

Дар давоми 31 соли Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ худро ҳамчун ҷумҳурии мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ муаррифи намуда, бо аксар кишварҳои дунё ва созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкорӣ барқарор намуд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои як қатор созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба монанди Созмони Миллали Муттаҳид, Бонки ҷаҳонӣ, Созмони Конференсияи исломӣ, ЭКО, САҲА, Созмони Паймони Дастаҷамъи, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, ТУТ, ЮНИСЕФ ва ғайра мебошад.

Ин ҳама кӯшишу ғайрат, азму талош барои бунёди Тоҷикистон ободу сарсабз, пешрафти минбаъдаи мактабу маориф, илму фарҳанг, иқтисодиёту саноат, тандурустӣ ҳамаҷониба мусоидат намуд.

Воқеан ҳам, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравии собиқ шомил буд, соли 1991 баъди ба даст овардани

Истиқлолияти давлатӣ санҷишҳои сангинеро паси сар кард. Хароб шудани системаи савдо ва иртиботи бозор, қатъ гардидани таҳвили ҳама намуди мол ҳамзамон бо номувозинатии пайдошуда дар соҳаи кредиту пул ва андозу буҷет, ҷанги шаҳрвандии соли 1992 сар зада, офатҳои чандинкаратаи пайи ҳами табиӣ, дар маҷмӯъ ҳамаи ин сабабгори бӯҳрони сахт дар иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи тандурустӣ гардид.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба шароити вазнини иқтисоди нигоҳ накарда дар соҳаи ҳифзи сиҳатии омма қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуд. Онҳо на танҳо ба барқарор кардани зарари аз ҷанги шаҳрванди расида, ҳаҷм ва сифати ёрии ибтидоии тиббӣ-санитарӣ, ёрии тахассусӣ ва баландихтисоси тиббӣ, балки ба бунёд кардани саноати миллии дорусозӣ ва тиббӣ, пешравии илм ва ислоҳоти соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ равона шудаанд.

Тоҷикистон яке аз аввалин давлатҳои нави соҳабистиқлое буд, ки мувофиқи тавсияҳои Бюрои минтақавии аврупоии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ сиёсати миллии ба даст овардани сиҳатии оммаро ташреҳ намудааст.

Қонунҳои қабулгардида оиди таҳия ва амалӣ гардонидани стратегияи ягонаи ҳифзи саломатии аҳолӣ, барномаҳо ва Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустие, ки ба принсипҳои таҷрибаи байналмилалӣ асос гаштааст ва инчунин ба гузаштани системаи бисёршаклии (давлатӣ ва шахсӣ) соҳаи тандурустӣ имконият фароҳам овარданд.

Истиқлолияти давлатӣ ба олимони соҳаи тиб имкон дод, ки дар рушди илми тиб нақши бузург бозанд ва барои пешрафти он таҳқиқотҳои муосири илмӣ баранд ва дар масъалаи ворид намудани усулҳои нави ташхисию табобатӣ бо истифода аз технологияҳои муосир дар тибби амалӣ саҳмгузор бошанд. Танҳо дар давоми солҳои 2010 – 2022 кормандони муассисаҳои илмии соҳаи тиб беш аз 200 патент барои ихтироот ва 1170 пешниҳоди навоварӣ ба даст овcovered, ки ин ҳама барои пешравӣ ва рушди илми тиб таъсири бузург расонидааст.

Гарчанде аз солҳои 90-ӯми асри гузашта дар давлатҳои Европа, Россия, Қирғизистон, Украина ва Қазоқистон дар донишкадаҳои тиббӣ-иҷтимоӣ раванди омода намудани мутахассисони тиббӣ – иҷтимоӣ ва психологӣ ва дар давлатҳои Амрико ва Чин дар коллеҷ ва ихтисосҳои алоҳида дар базаҳои донишгоҳҳои тиббӣ ба роҳ монда мутахассисони самти тиббӣ-иҷтимоиро омода менамуданд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти ин самтро ба инобат гирифта бо пешниҳод ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (мактуб аз 27.06 соли 2020, №25/2-4) соли 2015 “Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии

Тоҷикистон” ва 10.05 соли 2020 дар заминаи “Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” таъсис дода шуд, ки дорои иҷозатнома аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти Т-ИФ №0000001 аз 03.08.2020 гардида дар назди он 5 факултет амал менамоянд. Инчунин дар назди донишкада “Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ” кушода шуд, ки ин амал дар таҷрибаи сохтори тандурустии мамлакат аввалин муассисаи табобатии назди донишкадавӣ мебошад. Дар он шуъбаҳои ҷарроҳӣ, урологӣ, терапевтӣ, кардиологӣ, стоматологӣ, гинекологӣ, дармонгоҳӣ ва ғайра амал карда истодаанд.

Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ иҷтимоии Тоҷикистон» нахустин муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатии тиббӣ-иҷтимоии зодаи даврони Истиқлолият буда, он ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ, аз 21 декабри соли 2021 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ  ва хориҷии  ҷумҳурӣ» баёнгардида, дар самти тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, мутахассисони самти кори иҷтимоӣ  ва психологҳои тиббӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ намуда, барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҷиҳати дарёфти таҳсилоти олии касбӣ шароит фароҳам оварда истодааст.

Олимони ҷарроҳи атфоли Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” бо роҳбарии ҷарроҳи атфол, д.и.т., профессор Ибодов Х.И. дар ҷумҳурӣ аввалиншуда амалиёти тарзи бартарафсозии деформатсияи модарзодии даҳанмонанди қафаси сина ва барои дар клиника амалӣ намудани он таҷҳизотҳоро пешниҳод намуд, ки онҳо соли 2013 соҳиби патенти №578 гардиданд.

Инчунин дар таҷрибаи бахши тандурустии кишвар дар масъалаи табобати нуқсонҳои модарзодии кӯдакон аввалиншуда усулҳои нави ҷарроҳӣ ба монанди ихтироот оид ба «Тарзи нави ҷарроҳии эписпадияи модарзодӣ дар кӯдакон» ва «Усули нави сфинктеропластика дар кӯдакон дар ҳолати сустшавии сурохии мақъад»-ро пешниҳоди навоварӣ намуда онҳоро дар таҷрибаи клиника ворид сохтанд, ки ҳоло ин гуна табобат дар масъалаи бартарафсозии маъюбии кӯдакон саҳми арзандаи худро гузошта истодааст.

и предоставили устройство для его осуществления в клинике.

и предоставили устройство для его осуществления в клинике.

Олимони ҷарроҳи атфоли клиникаи донишкада дар якҷоягӣ бо олимони МДТ «Донишгоҳи техникии Тоҷикистон» таҷҳизот барои гузаронидани ташхис ва табобати нуқсони модарзодии аноректалӣ «Сфинктерометр АДИМС - 20»-ро сохта, онро низ ба истифода додаанд.

Инчунин дар якҷоягӣ бо олимони МДТ «Донишгоҳи техникии Тоҷикистон» дар масъалаи гузаронидани ташхиси нурӣ дар навзодон бо нуқсонҳои аноректалӣ «Усул ва дастгоҳ барои муоинаи рентгении навзодон бо нуқсонҳои модарзодии аноректалӣ»-ро ихтироъ намуда, 20.10 соли 2021 барои ин амал соҳиби патент гаштанд.

Аввалин маротиба аз тарафи олимони ҷарроҳи атфоли клиникаи назди донишкада дар табобати беморони гирифтори бемории Гиршпрунге амалиёти Soave - Jordjison ва табобати бартарафсозии норасогии сурохии мақъад усули нави муайян намудани вайроншавии микросиркуляторӣ хун ва усули бартараф намудани онро дар таҷрибаи худ ворид намуданд, ки ин амалиётҳо ҳоло яке аз амалиётҳои беҳтарин дар соҳаи ҷарроҳии атфол ба ҳисоб мераванд.

Инчунин аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ олимони клиникаи назди донишкадавӣ дар амалия масъалаи бартараф намудани нуқсонҳои модарзодии ҳолибу масонаро дар кӯдакон бо усули эндоурологӣ ворид карда шуд.

Таҳлилҳои гузаронидашудаи хуни кӯдакон ва волидайни онҳо нишон доданд, ки зиёд шудани нуқсонҳои модарзодӣ ин ба ситамегаловирус, токсоплазмоз, хламидивируси герпес вобастагии рӯирост дорад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар 2 соли охир маълум намуданд, ки дар таҷрибаи клиникаи назди донишкадавӣ бо ворид намудани усулҳои нави ҷарроҳӣ дар кӯдакон бо нуқсонҳои модарзодии сурхрӯда зиндамонии онҳо 65%-ро ташкил додааст.

Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо” ҳамчун муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи ҷарроҳии дилу рагҳои хунгард, эндоваскулярӣ ва тармимӣ ба ҳисоб рафта, зодаи даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Маркази мазкур дар давраи соҳибистиқлолӣ яке аз аввалин муассисаҳое буд, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо он ташриф оварда, барои бо дастгоҳҳои замонавии ташхисӣ, озмоишгоҳӣ ва табобатӣ муҷҳаҳаз гардидани он мусоидат намуданд. Дар айни замон марказ бо дастгоҳҳои муосири ташхисиву табобатӣ муҷҳаҳаз буда, барои

ичрои амалиётҳои ҷарроҳӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ истифода бурда мешаванд.

Дар 31 соли истиқлолият дар соҳаи ҷарроҳии рагҳои хунгард 32 олимони ҷавон дорои дараҷаи номзади илми тиб гардиданд, ки 6 нафари онҳо дар муассисаҳои тиббии ноҳияҳои гуногуни мамлакат фаъолияти пурсамар доранд.

Барои дастовардҳои назарраси илмӣ, гузоштани саҳми арзанда дар рушди соҳаи ҷарроҳии дилу рагҳои хунгард, микроҷарроҳӣ, ҷарроҳии барқарорсозӣ ва ҷарроҳии эндокринӣ танҳо дар давоми солҳои охир 7 нафар бо Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, 3 нафар бо Ҷоизаи ба номи И.Сомонӣ барои олимони ҷавон, 5 нафар бо Ҷоизаи АМИТ ба номи Е.Н.Павловский, 3 нафар бо Ҷоизаи АМИТ барои олимони ҷавон сарфароз гардиданд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар олимони муассиса 12 лоиҳаи илмии аз буҷети давлатӣ маблағгузоршавандаро доир ба масъалаҳои мубраму ҳалталаби бемориҳои ҷарроҳии дилу рагҳои хунрав, ҷарроҳии барқарорсозӣ таҳия ва ба пуррагӣ иҷро намуданд, ки барои беҳтар намудани натиҷаи ташхису табобати беморони соҳавӣ сабаб гардиданд.

Дар ин давра олимони соҳа беш аз 60 намуд амалиётҳои нави ҷарроҳӣ, аз ҷумла патологияи гуногуни шоҳраг, шараёнҳои хобӣ, гурдавӣ, андомҳо, ангиодисплазияҳои модарзодӣ, омосҳои ғадуди болои гурда, бемориҳои системаи варидӣ бо муваффақият иҷро намуда, онҳоро дар амалияи тиббӣ комилан ба роҳ монданд.

Бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шунтикунонии шараёни гурда бо аутотрансплантат иҷро гардида, табобати вайроншавии набзи дил бо роҳи аблятсияи радиобасомадӣ, реваскуляризатсияи таъҷилии миокард дар беморони мубталои синдроми шадиди коронарӣ, усули нигоҳдории структураҳои зеридарғотӣ ҳангоми ивазкунии дарғоти митралӣ ва усули бурриши чавгоншакли даҳлези рости дил ҳангоми ҷарроҳиҳои такрорӣ пешниҳод шуданд, ки ин ҳама маҳсули олимони соҳаи ҷарроҳии дили рагҳо дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Олимони соҳаи гастроэнтерология дар ин давра аввалин маротиба паҳншавӣ ва генотипҳои гуногуни гепатитҳои музмини вирусии В, D ва С-ро дар Тоҷикистон омухта, нақшаи нави табобати онҳоро таҳия намуда, таъсирнокии доруҳои зиддивирусиро омӯхтанд. Ин имконияти онро фароҳам овард, ки даҳҳо маротиби миқдори гузариши гепатитҳои музмин ба сирроз ва саратони ҷигар коҳиш ёбад, шумораи марг ва маъюбшавии онҳо кам шаванд.

Дар асоси гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон доруҳои нави «**Гепатоман**», «**Ферубет**» ва «**Гастрофит**» барои табобати бемориҳои ҷигар ва меъда пешниҳод шуданд.

Дар якҷоягӣ бо муҳаққиқони Пажуҳишгоҳи физика ва техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дастгоҳи криодеструкторӣ бо истифода аз нитрогени моеъро ҳангоми ҷарроҳӣ дар узвҳои ковокии шикам дар амалияи тиб ворид намуданд.

Криоҷарроҳии ҷигар имкон дод, ки истифодаи хун ва зардобаи он ҳангоми амалиёти бурриши ҷигар назар ба ҷарроҳии маъмулӣ то 3 маротиба камтар истифода шавад ва муҳлати бистарии беморон то 7 рӯз коҳиш ёбад.

Олимони соҳаи саратоншиносӣ усулҳои нави табобати саратони ковокии даҳон ва барқарорсозии оризаҳои онро коркард намуданд, ки он ба коҳишёбии назарраси маъюбӣ дар ин гурӯҳи беморон оварда расонид.

Олимони соҳаи акушерӣ-гинекологӣ –омилҳои хавфи инкишофи норасоии ҳамроякро дар занони ҳомила муайян ва роҳҳои бартарафсозии онҳоро пешниҳод намуданд.

Соли 1993 мутобиқи қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 август, таҳти №384) бо мақсади рушду нумӯи илм Пажуҳишгоҳи эпидемиологӣ ва гигиенаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маркази ҷумҳуриявии касалиҳои касбии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя карда шуда “Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон” (ПИТТПТ) кушода шуд.

Айни замон дар Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон 7 шуъба (шуъбаҳои гигиенаи ҳифзи меҳнат, эпидемиологӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ, эпидемиологӣ ва пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ, аспирантура ва ординатура, таҳлили сиёсати тандурустӣ, ахбороти илмӣ) ва 8 озмоишгоҳҳои вирусологӣ, зуком, гигиена ва ғизо, урогениталӣ, иммунологӣ, биохимиёвӣ, паразитологӣ, бактериологӣ фаъолият менамоянд.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2022) Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон корҳои илмӣ-таҳқиқотии худро дар самтҳои пешгӯи оид ба мушкилоти асосии соломатии аҳолӣ, омӯзиши хосиятҳои минтақавии он ва фавти аҳолӣ, омӯзиши хусусиятҳои эпизоотологӣ-эпидемиологӣ ва назорат аз болои бемории брутселлёз, омӯзиши эпидемиологӣ ва пешгирии бемории домана, зардпарвини вирусӣ, бемориҳои шадиди рӯда ва бемориҳои дар ҷойҳои табиӣ ҷойгиршуда, омӯхтани этиология ва эпидемиологияи зуком ва сироятҳои шадиди

роҳи нафас, омӯзиши баҳодии биологӣ ва хӯроквории маводҳои рустанӣ бо истифодаи пестисидҳо, молҳои ртутдошта ва афлотоксинҳо, ҳолати экологӣ-гигиении минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳудуди таъсирнокии партовҳои корхонаҳои калони саноатӣ, мониторинги маҷмӯии ҷойгиршавии табии сироятҳои арбовирусӣ, омӯзиши генотипҳои вируси табларзаи хунини Конго-Қримӣ, мониторинг ва сари вақт муайян намудани пайдошавии ҳолатҳои эпидемикии зардпарвинҳои вирусӣ, ротовирусҳои молекулярию генетикӣ, эпидемиологияи молекулярии бемориҳои сироятии ротовирусӣ, мониторинг оид ба элиминатсияи сурхча ва сурхакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили паҳншавии бемориҳои паразитӣ, коркард ва воридсозии усулҳои ҳозиразамони ташхиси агентҳои патогенӣ, омӯзиши ҳолати гармоналӣ ва сохторҳои иммуналии занон бо бемориҳои онкологӣ, бемориҳои гузарандаи узвҳои таносул ва пӯст, омӯзиши ҳолати иммунологӣ дар бемориҳои гуногуни сироятӣ ва ғайрисироятӣ, таҳлили сифати обҳои дар хоҷагӣ-маиши истифодашаванда, омӯзиши алоқамандии бемориҳои аҳолӣ ва сироятии ба воситаи об гузаранда ва пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавирус нави COVID-19 дар ҷумҳурӣ ва ғайраро пеш мебарад.

Олимони тоҷик ҷиҳати пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизоти табобатии ватанӣ ва маводҳои безараргардонандаро таҳия ва ба муассисаҳои тиббии кишвар ба таври ройгон пурра дастрас намуданд.

Дар ин давра олимон вирусологҳои тоҷик бори аввал генотипи нави вируси сурхчаро муайян карданд, ки он дар феҳристи ТУТ зери номи «Tajikistan 25.01.2017 - 17031» ба қайд гирифта шудааст.

Дар тули 12 соли охир аз тарафи трансплантологҳои ватани зиёда аз 1000 амалиётҳои пайвандсозии хешутабории гурда, ҷигар ва мағзи устухон гузаронида шудааст.

Дар самти табобати фарбеҳӣ олимони кишвар амалиёти ҷарроҳии метаболикиро коркард ва дар амалия ворид намуданд, ки ин на танҳо сифати ҳаёти беморонро беҳтар намудааст, балки сабаби озод шудан аз вазни зиёд ва пешгирии бемории қанд гардидааст.

Дар натиҷаи гузаронида таҳқиқотҳои сершумор олимони соҳаи тиб муайян намуданд, ки беш аз сеяки нуқсонҳои модарзодии навзодони кишвар дар замини никоҳи хешу таборӣ ба вуҷуд омаданд. Бинобар ҳамин сабаб, роҳҳои пешгирии таваллуди чунин навзодонро коркард карда, пешниҳод намуданд, ки никоҳи хешу таборони наздик манъ карда шавад.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ соҳаи дорусозӣ низ рӯ ба тараққӣ ниҳода, бештар аз 300 номгӯи доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ

истеҳсол шуда истодааст. Аз ҷумла дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 4 номгӯи маводи фаъоли биологӣ: субстрати хинги сайёр, хокаи хинги сайёр, равғани камол ва хокаи камол дар ғилофак тайёр карда шуда ба хориҷи кишвар содирот карда шуда истодааст.

28 сентябри соли 2019 корхонаи истеҳсолии маводи доруворӣ аз растаниҳои шифобахши ватани дар Маркази илмию таҳқиқотии фармасевтӣ кушода шуда, истеҳсоли 12 номгӯйи маводи доруворӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин дар ноҳияҳои Ванҷу Балҷувон сехҳои коркарди равғани ангату бодом ба истифода дода шуда, регламенти истеҳсоли малҳам дар асоси бентонит ва равғани эфирии кокутӣ тартиб дода шуд.

Олимони тоҷик дар давраи соҳибистиқлолӣ дар иҷроиши зиёда аз 200 лоиҳаи илмии аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда, 12 мавзуи илмӣ дар доираи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», 14 мавзуи ташаббусӣ ва 6 мавзуи аз ҳисоби грантҳои хориҷӣ иштирок намуда, чорабиниҳо ва сессияҳои илмиро дар мавзуҳои «Дурнамо ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои ҷарроҳии дилу рагҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2012), «Фарбеҳӣ – проблемаи аср» (с.2013 ва 2019), «Дастовард ва рушди гастроэнтерологияи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2014), «Масъалаҳои гепатологияи муосир» (с.2015), «Технологияи инноватсионӣ дар ҷарроҳии дилу рагҳо ва гинекология» (с.2016), «Об ва саломатии инсон» (с.2017), «Саҳми табибони ҷавон дар татбиқи технологияи муосир» (с.2017), «Вазъ ва дурнамои рушди истеҳсоли доруҳои ватанӣ» (с.2018) ва «Covid – 19 ва оқибатҳои он» (с.2011) баргузор намуданд.

Маҳз Истиқлолияти давлатӣ ба олимони тоҷик имкон дод, ки дар рушди илм нақши бузург бозида, барои пешрафти он ва ворид намудани усулҳои нави ташхисию-табобатӣ бо истифода аз технологияи муосир дар тибби амалӣ саҳм гузоранд. Имрӯз саҳми олимони тоҷик дар илми ҷаҳонӣ кам нест. Пешрафти илми тиб ва дастовардҳои олимон дар ин соҳа дар солҳои соҳибистиқлолии мамлакат ҷолиби диққат мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ соҳаи осебшиносии кишвар камбидиҳо ва мушкилотҳои дорои хусусияти бисёрҷабҳа ҷойдоштаро дар як муддати кӯтоҳ паси сар намуда, ба муваффақиятҳои зиёд ноил гашт. Ҳамаи ин дастовардҳо меваи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки аз рӯзи аввалияти фаъолияташон то ҳоло соҳаи тандурустиро ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар дониста, ба рушди он аҳамияти хоса медиҳанд. Барои бартараф намудани камбудиҳо ва мушкилоти дорои хусусияти бисёрҷабҳадошта, инфтрасохтори хеле фарсудаи соҳаи осебшиносӣ

зарурати зина ба зина дидани чораҳои комплексӣ дар самти таъминот бо мутахассисон, таҷҳизот ва технологияи муосири ташхис ва табобат, ташкили омӯзиши мутахассисон дар кишвар ва хориҷи он, такмилсозии ташкили кӯмаки тиббӣ, коркарди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғайра зарур буданд. Дар замони  Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи тарбия намудани олимони соҳаи осебшиносӣ бо сабаби намудани мутахассисони баландпоя дар хориҷи кишвар асосан дар Федератсияи Россия ҳаллу фасл карда мешуд. Имрӯз масъалаи мазкур ҳаллу фасли худро ёфт. Ҳоло дар кишвар 5 нафар доктори илм фаъолият доранд. Ин ҳолат заминаи онро фароҳам овард, ки бо ҷалби онҳо Шӯрои диссертатсионӣ оид ба осебшиносӣ ва раддодӣ ташкил карда шавад, ки дар ин давра 14 нафар номзади илм тарбия карда шавад, ки онҳо дар самтҳои калидии сохтори осебшиносӣ ва раддодӣ фаъолият намоянд.

Пешвои миллат дар ҳама вохӯрӣ ва суханрониҳои хеш пешравии илм ва ворид намудани технологияи муосирро талаб намуда, таъкид менамоянд, ки бе илм мо наметавонем кишварро аз бухронҳои гуногун наҷот бахшем. Далели гуфтаҳои боло ин дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” кушодани (01.09 соли 2022) “Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ” дар сохтори тандурустии мамлакат мебошад, ки дар оянда ба рушди нумӯи илми тибби тоҷик мусоидат хоҳад намуд.

Проректор оид ба илм ва инноватсияи
МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии
Тоҷикистон”, иштирокчии Иҷлосияи
16-ӯми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, д.и.т., профессор А.Ахмедов